# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзуи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих).- Душанбе, 2025**

Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги тавлиди неруи барқ дар Осиёи Марказӣ буда, таъмини истиқлолияти энергетикии мамлакат яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар шароити таҳаввулоти иқтисодӣ ва ҳамгироии кишварҳои соҳибистиқлоли минтақа аҳаммияти илмӣ-амалиро касб кардааст. Диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ маҳз ба ҳамин масъала марбут буда, дар он бунёди комплекси гидроэнергетикӣ ва захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии Осиёи Марказӣ, таҷрибаи таърихии ҳамкориҳои энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таҳлил гардидааст.

Тавре ки аз автореферати диссертатсия бармеояд, рисолаи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, номгӯйи маъхазҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва аҳаммияти мавзуи таҳқиқ баён гардида, дараҷаи омӯзиши масъала тавзеҳ, аҳаммияти назариявӣ, навгониҳои таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, аҳаммияти амалии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми он мушаххас баён карда шудааст.

Боби якум «Бунёди комплекси гидроэнергетикии Тоҷикистон, вижагиҳо ва аҳаммияти он дар низоми энергетикии Осиёи Марказӣ» аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, аҳаммияти бунёди комплекси гидроэнергетикӣ дар тараққиёти хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷумҳуриҳои Осиёи

Марказӣ ва консепсияи нави рушди комплекси энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ баррасӣ гардидааст.

Боби дуюм – «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ дар рушди соҳаи гидроэнергетика» низ аз се зербоб иборат буда, фарогири масъалаҳои захираҳои обии Осиёи Марказӣ ва масоили иқтисодии истифодаи онҳо барои истеҳсоли неруи барқ, ҳамкориҳо дар сармоягузорӣ, лоиҳакашӣ ва истифодаи неруи зеҳнӣ - техникӣ дар соҳаи гидроэнергетика, аҳаммияти минтақавии НБО-и Роғун дар таъмини обу барқи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад.

Хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешкаш гардидаанд, аз лиҳози илмӣ-методологӣ асоснок шуда, бо принсипҳои таҳқиқотии илми таърихи муносибатҳои байналмилалӣ мувофиқ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Алимардонзода Зулайхо Файзалӣ дар мавзӯи «Ҳамкориҳои энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ (солҳои 1991-2021)» ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020201 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсенти Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Қобилова С.Я.**

Имзои н.и.т., дотсент Қобилова Сулҳия Яшиновнаро тасдиқ менамоям:
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

10.09.2025

*Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, мкр-ни 17, х. 1.*